| № | Таҳлили таъсири танзимкунии<br>лоиҳаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» | |
|---|---|---|
| 1 | Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Лоиҳаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» |
| 2 | Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3 | Доираи шахсоне, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо паҳн мегардад | Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ |
| 4 | Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 01.12.2024 |
| 5 | Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади маъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 сентябр соли 2024 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи қарори мазкур аз 5 сентябр то 5 октябр соли 2024 гузаронида шуд. |
| 6 | Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз руйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи қарори мазкур аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. |
| 7 | Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили мубодилаи электронии ҳуҷҷатҳои гумрукӣ ва гузариш ба шакли пурраи декларатсиякунонии электронӣ мутобиқи талаботи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консепсияи иқтисоди рақамӣ |

| | | |
|---|---|---|
| | он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин сода ва шаффоф намудани расмиёти гумрукӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро мутобиқ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия намуд. |
| 8 | Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили мубодилаи электронии ҳуҷҷатҳои гумрукӣ ва гузариш ба шакли пурраи декларатсиякунонии электронӣ тағйиру иловаҳо ба Кодекси мазкурро бо назардошти гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ дар кишвар, ки аз талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» бармеоянд, таҳия намудааст. |
| 9 | Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбинишудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Тибқи лоиҳаи таҳияшуда, меъёри Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ” аз 15 марти соли 2023 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” аз 22 июни соли 2023 мутобиқ гардонида мешавад.<br>Бо таваҷҷуҳ ба ин, дар лоиҳаи пешниҳодшуда масъалаҳо вобаста ба автоматикунонӣ ва рақамигардонии расмиёти гумрукӣ, идораи таваккал, содагардонии расмиёти иҷозатдиҳии фаъолияти шахсони дар соҳаи гумрук фаъолияткунанда, декларатсиякунонии электронӣ бо татбиқи имзои рақамии электронӣ, аз байн бурдани духурраги ва таззоди меъёрҳои ҳуқуқӣ ва такмили усули муносибат ба фард ҷиҳати ҳавасмандгардонии тоҷирони бовиҷдон, пурра ба инобат гирифта шудаанд.<br>Ҷорӣ намудани технологияҳо ва системаҳои муосири иттилоотӣ дар барасмиятдарории гумрукии ҳамаи расмиёт, гузаштан ба декларатсиякунонии пурраи электронии фосилавии молу воситаҳои нақлиёт тавассути системаҳои иттилоотии мақомоти гумрук, яъне пешниҳод намудани декларатсия ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои ҳамроҳӣ ва иҷозатдиҳӣ дар шакли электронӣ тавассути системаҳои иттилооти бо истифода аз имзои электронии рақамӣ ва ҷорӣ намудани раванди пешниҳоди талони электронӣ барои гузаштан аз назорати давлатӣ дар сарҳад тавассути системаи ягонаи иттилоотӣ, барои кам кардани шумораи санҷишу |

| | | |
|---|---|---|
| | | муоинаҳои гумрукии номуносиб ва ихтисор кардани хароҷоти вақт, инчунин пешгирии ҳолатҳои қочоқ ва коррупсия дар барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёт мусоидат мекунанд. |
| 10 | Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилиҳои баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Лоиҳа дар маҷмӯъ барои ба танзим даровардан ва мукаммал намудани муносибатҳои соҳаи мазкур равона гардидааст.<br>Аз ҷониби таҳиякунанда чунин чораҳо (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) андешида шудаанд:<br>• Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа омӯхта шуда, лозим дониста, мешавад ки ба баъзе моддаҳои алоҳидаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шавад. |
| 11 | Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Лоиҳаи қарори мазкур аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузориро талаб намекунад.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>- сатҳи хизматрасониҳо дар самти мазкур беҳтар мегардад;<br>- барои беҳтар намудани шароити воридоту содирот ва транзити мол мусоидат менамояд.<br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:<br>- барои беҳтар намудани транзити мол мусоидат менамояд;<br>- содагардонии барасмиятдарории гумрукӣ;<br>- декларатсиякунонии электронӣ бо татбиқи имзои рақамии электронӣ;<br>- аз байн бурдани духуррагӣ ва таззоди меъёрҳои ҳуқуқӣ ва такмили усули муносибат ба фард ҷиҳати ҳавасмандгардонии тоҷирони бовиҷдон;<br>- кам гардидани шумораи санҷишу муоинаҳои гумрукии номуносиб;<br>- ихтисор гардидани хароҷоти вақт, инчунин пешгирии ҳолатҳои қочоқ ва коррупсия дар барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёт<br>Қабул гардидани лоиҳаи пешниҳодшуда барои татбиқи технологияҳо ва системаҳои муосири иттилоотӣ дар барасмиятдарории гумрукии ҳамаи расмиёт, гузаштан ба декларатсиякунонии пурраи электронии фосилавии молу воситаҳои нақлиёт |

| | | |
|---|---|---|
| | | тавассути системаҳои иттилоотии мақомоти гумрук, яъне пешниҳод намудани декларатсия ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои ҳамроҳӣ ва иҷозатдиҳӣ дар шакли электронӣ тавассути системаҳои иттилооти бо истифода аз имзои электронии рақамӣ ва ҷорӣ намудани раванди пешниҳоди талони электронӣ барои гузаштан аз назорати давлатӣ дар сарҳад тавассути системаи ягонаи иттилоотӣ мусоидат менамояд.<br>Бидуни ворид намудани тағйироти пешбинигардида ҳал намудани мушкилиҳои ҷойдошта, инчунин танзими масъалаи мазкур ғайриимкон мебошад. |
| 12 | Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳифз ва ҳимоя мегарданд. |
| 13 | Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 10 декабри соли 2024 |